**Тақриз**

**ба автореферати таҳқиқоти диссертатсионии Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи “Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00- Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ)**

Баъд аз ба даст даровардани истиқлолият дар назди роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои муҳим ва ҳалкунанда, яъне муайян кардани сиёсати дохилӣ ва берунӣ меистод. Ҳанӯз аз рӯзҳои аввали даврони истиқлол ин сиёсат мунтазам роҳандозӣ гардида, дар тӯли 30-сол рушду тавсеа ёфт. Дар ин муддат дар Тоҷикистон воқеоти зиёди ҳарбӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ рӯх доданд, ки ногузир аз ҷониби коршиносон, муҳаққиқон ва аҳли илми ватанию хориҷӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтанд. Дар натиҷа таълифоти зиёд рӯйи кор омад, ки аз таваҷҷуҳи беҳади муҳаққиқони ҷумҳурӣ, аз ҷумла ба таҳаввулоти фарҳангии даврони истиқлоли ҷумҳурӣ гувоҳӣ медиҳад. Аммо як таҳқиқоти маҷмӯӣ, ки таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлонро дар тӯли 30-соли соҳибистиқлолӣ таҳқиқ ва баррасӣ карда бошад, то кунун вуҷуд надошт. Аз ин лиҳоз, рисолаи номзадии Амроев Умедҷон Мамадхонович , ки кӯшиши аввалин дар ин самт ба ҳисоб меравад, бешак мубрам ва саривақтӣ буда, дар заминаи маводи бойгониҳои ҷорӣ ва таҳлили адабиёти илмии мавҷуда, амалӣ гардидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Ба муаллифи рисола муяссар гаштааст, ки дар муқаддимаи кор мубрамият, арзиши илмии мавзуи тадқиқотро ба таври боварибахш асоснок намуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъро нишон диҳад, ҳадафу мақсади тадқиқоти худро бо далелҳои эътимоднок муайян ва мушаххас намудааст, пояи сарчашмавии тадқиқотро нишон дода, асосҳои методологӣ, назариявии рисола, объект, предмети тадқиқот, ҳудуди

хронологии он, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳод шударо мушаххас, аҳамият ва арзиши илмӣ - амалии тадқиқоти худро асоснок намояд.

**Боби якуми диссертатсия – "Вазъи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар даврони истиқлол"** аз се зербоб таркиб ёфтааст. Дар ин боб масоили таъсис ва ташаккулёбии театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони Ҳукумати Шуравӣ, вазъу ҳолати театрҳои касбии вилояти Хатлон дар солҳои аввали замони истиқлол ва нақши Ҳукумати ҷумҳурӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи театрҳои касбӣ дар заминаи маводи бойгонӣ ва адабиёти илмии мавҷуда мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифта, дар иртибот ба он хулосаҳои зарурӣ пешниҳод шудааст.

**Боби дуюми диссертатсия – "Инкишофи минбаъдаи театрҳои касбии вилоят»** низ аз се зербоб таркиб ёфта, ба рушду нумуи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар ибтидои асри XXI бахшида шудааст. Дар он муаллиф масоили сиёсати фарҳангии Ҳукумати ҷумҳурӣ дар самти фаъолияти театрҳои касбӣ, фаъолияти театрҳои касбии вилоят дар ибтидои асри XXI, инчунин масъалаи ширкати театрҳои касбии вилоятро дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ мавриди тадқиқу баррасӣ қарор дода, дар ин замина мушкилот ва дурнамои рушди фаъолияти онҳоро дар давраи рушди Тоҷикистон мушаххас намудааст.

Бояд зикр кард, ки омӯзиши фаъолияти театрҳои касбии вилоят дар ибтидои асри XXI меҳвари таҳқиқоти муаллифро ташкил додаанд. Пажуҳиш дар заминаи омӯзиши паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, таҳлилу баррасии маводҳои бойгонӣ, санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ, китобҳо, монографияҳо, диссертатсияҳо, мақолаҳо ва маҷмӯаҳое, ки ба таърихи фарҳанги Тоҷикистон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI бахшида шудаанд, амалӣ гардидааст.

Мазмуни рисола пурра дар корҳо ва мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ инъикос ёфтаанд. Автореферат ба мазмуни матни диссертатсия мувофиқ аст.

Метавон гуфт, ки муаллиф тамоми мақсад ва ҳадафи дар назди худ гузоштаашро бо пуррагӣ ҳаллу фасл намудааст.

Аз гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки диссертатсияи унвонҷӯ Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи "Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)" таҳқиқоти мустақилона ва аз лиҳози мантиқ ба анҷом расида буда, тибқи натиҷаҳои бадастомада ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ аст ва муаллифи он Амроев Умедҷон Мамадхонович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

**Декани факултети таҳсилоти ғоибонаи Донишгоҳи Славянии Тоҷикистону Россия, номзади илмҳои таърих, дотсент** **Ғаффоров Бахтиёр Ваҳобович**

**Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Турсунзода 30; тел: (992) 37 221–35–50, E–mail: info@rtsu.tj

**Имзои номзади илмҳои таърих Б. В. Ғаффоровро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДСТР** **Раҳимов А.А.**

20.05.24